ПРОТОКОЛИ №6- ИҲ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-152 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 16 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар

Раиси шуро: Сафаров Ш.А.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 15 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.09.2026, №356/шд тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи коршиносони шуро Каримова И.Х. ва аъзои комиссия Шербоев С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи коршиносони шуроро оид ба диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Шарофзода Шавкат Аҳмад – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- Шехов Акбар Маҳмадиевич – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва забонҳои хориҷии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсия 29 декабри соли 2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"

ШЎЪБАИ КАДРХО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова